# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод мегардад.**

Каримов Р.И. соли 2014 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимиро аз рӯйи ихтисоси 43010505-А «Манбаъҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия» бо «дипломи аълочӣ» хатм намуда, зинаи таҳсилоти бакалавриро аз худ намудааст. Соли 2015 бо мақсади оғоз намудани фаъолияти илмию таҳқиқотӣ тариқи озмун ба бахши таҳсилоти зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети иқтисод ва идора, аз рӯйи ихтисоси 26010100-идоракунии мақомоти марказӣ ва маҳаллии кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дохил шуда, фаъолияти илмию таҳқиқотии худро оғоз намудааст. Соли 2017 зинаи магистратураро дар донишгоҳи мазкур бо «дипломи аълочӣ» хатм намуда, сазовори дараҷаи магистри «иқтисодиёт» гардидааст.

Бо мақсади тақвият бахшидани сатҳи дониши худ ва татбиқи ақидаҳои назариявию илмӣ соли 2017 ба шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, (ҳозира Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) дар бахши докторантура, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-иқтисодиёт дохил шуда, соли 2020 зинаи мазкурро бо муваффақият хатм намудааст.

Дар кори диссертатсионӣ, бо назардошти хусусиятҳои ташаккули бозори энергетикӣ ва вазъи муосири рушди инфрасохтори он дар мамлакат мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Вобаста ба мақсади кори диссертатсионӣ докторанти фалсафа (PhD), Каримов Р.И. асосҳои назариявӣ-методии ташаккули инфрасохтори бозори энергетикиро таҳқиқ намуда, дар заминаи он тавсияҳои илман асосноккардашудаи аҳаммияти илмию амалидоштаро ҷиҳати таъмини рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст. Докторант Каримов Р.И. дар таҳқиқоти худ такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи энергетика, инчунин рушди бозори энергетикии Тоҷикистонро дар асоси ташаккули энергияи барқароршаванда ҳамчун самтҳои афзалиятноки ташаккули инфрасохтори бозори энергетикиро дар Тоҷикистон муайян ва асоснок намуда, дар заминаи онҳо методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои алтернативии инфрасохтори бозори энергетикии

Тоҷикистонро истифода намудааст. Ҷолиби диққат аст, ки докторант тавассути методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон дар суроғаи Вилояти Суғд, н. Айнӣ, водии Ягноб, ҷ\д. Анзоб деҳаи Хишортоб ба таври воқеӣ озмоиш гузаронида, дар заминаи ташкили обектҳои инфрасохтори хурди энергияи барқароршаванда-нерӯгоҳи хурди офтобӣ натиҷагирӣ намуда, самаранокии иқтисодии истеҳсол, интиқол ва фурӯши энергияи барқиро муайян ва асоснок намудааст.

Нуқтаҳои асосии натиҷаи кори таҳқиқотии Каримов Р.И. дар фаъолияти кории Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Системавтоматика», Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории онҳо мавриди истифода қарор дода шудааст. Ду барнома ва методҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда дар хадамоти федералии моликияти зеҳнии Федератсияи Россия ба қайд гирифта шуда, шаҳодатномаҳои давлатӣ дода шудааст. Ҳамзамон, хулосаҳои алоҳидаи асоснoккардашудаи диссертатсияро дар раванди таълимоту омодасозии мутахассисони касбӣ дар макотиби олии кишвар аз фанҳои таълимии «Бозорҳои ҷаҳонии энергетикӣ» ва «Ташкили истеҳсол дар корхонаҳои энергетикӣ» мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Каримов Р.И. дар раванди таҳияи кори диссертатсионӣ ҳамчун таҳқиқотгари ҷавон дар омӯзиши маводҳои зиёди назариявӣ ва амалии масъалаҳои ҷолиби рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамуд, ки ниҳоят ба ӯ муайяссар гардид, ки дар худ ақидаҳои нави илмӣ ва тавсияҳои асоснoккардашудаи амалиро таҳия намояд. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот, ӯ дараҷаи баланди мустақилона ҷамъоварӣ, омӯзиш ва интихоби асарҳои таҳқиқотчиён, асоснoккуниҳои ҷанбаҳои назариявию методиро нишон дод. Вай муносибати эҷодкорона ва ташаббускорона дорад, мутахассиси хуби соҳаи илм мебошад, дар байни ҳамкорон нуфуз дорад ва дар муошират хушмуомила аст.

Дар ҷараёни навиштани диссертатсия Каримов Р.И. қобилияти баланди илмӣ, таҳлилӣ ва ҷамъбаст намудани хулосаҳои илмиро зоҳир намуд. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот, ӯ дараҷаи баланди мустақилона ҷамъоварӣ, омӯзиш ва интихоби асарҳои таҳқиқотчиён, асоснoккуниҳои ҷанбаҳои назариявию методиро нишон дод. Дар ҷараёни навиштани диссертатсия қобилияти баланди илмӣ, таҳлилӣ ва ҷамъбаст намудани хулосаҳои илмиро зоҳир намуд. Бояд гуфт, ки Каримов Р.И. дорои дониши васеи илмӣ ва шавқи зиёд ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад. Вай кори илмии худро софдилона ва бошуурона иҷро мекунад,

муносибати эҷодкорона ва ташаббускорона дорад, мутахассиси хуби соҳаи илм мебошад, дар байни ҳамкорон нуфуз дорад ва дар муошират хушмуомила аст.

Дар маҷмуъ гуфтан ҷоиз аст, ки диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», сохтор, мухтаво ва сифати барасмиятдарории он ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст», ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ,**
**профессори кафедраи назарияи**
**иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони**
**Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**академики Академияи байналхалқии**
**мактабҳои олӣ** **Комилов С.Ҷ.**

**Имзои Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам,**
**Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи**
**Славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**д.и.ф.** **Рахимов А.А.**

21.10.2024.